Пурсишҳо ва посухҳо



Дафтари ҳифз ва нашри осори Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло


بسم الله الرحمن الرحیم

Коди пурсиш: 118

Аҳоком

Аҳкоми хӯрданиҳо ва ошомиданиҳо

Нависандаи пурсиш:

Ризо Розӣ

Аҳкоми хӯрданиҳо ва ошомиданиҳо

بسم الله الرحمن الرحيم

Нависандаи пурсиш: Ризо Розӣ **Тарихи пурсиш:** 05/03/2016

Марсум шуда дар кишвари [Эрон] фурӯши гӯшти харчанг ва кракодил ва ҳаштпо ва кӯса. Ҳукми хӯрдани ҳар як аз 4 мавриди фавкро бо далил бифармойед:

Посух ба пурсиши шумораи: 1 **Тарихи посух ба пурсиш:** 06/03/2016

Хӯрдани гӯшти харчанг, крокодил, ҳаштпо, кӯса ва амсоли он ҳаром нест; Чароки аввалан асли ибоҳаи ҳар чизе аст то он гоҳ ки далилӣ қатъӣ аз шаръ бар ҳурмати он бирасад, дар ҳоле ки далилӣ қатъӣ аз шаръ бар ҳурмати ин ҳайвонот нарасидааст ва сониян Худованд дар китоби худ хӯрданиҳои ҳаромро эҳсо карда ва дар миёни онҳо номе аз ин ҳайвонот наёварда; Чунонки фармудааст: ﴿قُلْ لَا أَجِدُ فِي مَا أُوحِيَ إِلَيَّ مُحَرَّمًا عَلَىٰ طَاعِمٍ يَطْعَمُهُ إِلَّا أَنْ يَكُونَ مَيْتَةً أَوْ دَمًا مَسْفُوحًا أَوْ لَحْمَ خِنْزِيرٍ فَإِنَّهُ رِجْسٌ أَوْ فِسْقًا أُهِلَّ لِغَيْرِ اللَّهِ بِهِ﴾ (Анъом/ 145); <<Бигӯ дар чизе ки ба ман ваҳй шудааст чизе ки бар хурандаи он ҳаром бошад намеёбам магар инки мурдоре ё хунӣ рехта шуда ё гӯшти хуке бошад ки наҷас аст ё фисқе бошад ки номи ғайри Худованд бар он бурда шудааст>> Ва солисан ривоёте ки аз хӯрдани гӯшти ҳайвоноти обзи фоқиди фалс монанди харчанг, ҳаштпо ва кӯса наҳй мекунанд, аз як сӯ бинобар мабнои аллома Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло (Бозгашт ба Ислом, с239 ва 240) қодир ба тахсис ё таъмими китоби Худованд нестанд ва аз сӯӣ дигар бо ривоёте ки аз ҳиллияти гӯшти ҳамаи ҳайвоноти обзи, балки ҳиллияти гӯшти ҳамаи ҳайвонот ба истиснои мавориди чаҳоргонаи мазкур дар китоби Худованд хабар медиҳанд, таъоруз доранд ва қоъидатан ба далили руҷҳони онҳо бинобар мувофиқаташон бо китоби Худованд, соқит ва дар ғайри ин сурат, ҳамли бар кароҳат мешаванд; Чунонки яке аз ёронамон моро хабар дод, гуфт:

«سَمِعْتُ ٱلْمَنْصُورَ ٱلْهاشِمِيَّ ٱلْخُراسانِيَّ أَيَّدَهُ ٱللّٰهُ تَعالىٰ يَقُولُ: إِنَّكُمْ لَتُحَرِّمُونَ أَشْياءَ ما جَعَلَهَا ٱللّٰهُ إِلّا مَكْرُوهَةً فَكُلُوا مِنْ كُلِّ شَيْءٍ إِلّا ما حَرَّمَ كِتابُ ٱللّٰهِ! ثُمَّ قَرَأَ: ﴿قُلْ لَا أَجِدُ فِي مَا أُوحِيَ إِلَيَّ مُحَرَّمًا عَلَىٰ طَاعِمٍ يَطْعَمُهُ إِلَّا أَنْ يَكُونَ مَيْتَةً أَوْ دَمًا مَسْفُوحًا أَوْ لَحْمَ خِنْزِيرٍ فَإِنَّهُ رِجْسٌ أَوْ فِسْقًا أُهِلَّ لِغَيْرِ اللَّهِ بِهِ﴾» ; <<Шунидам ҳазрати Мансури Ҳошимии Хуросонӣ

айядуллоҳ таъоло мефармояд: Ҳароина чизҳоеро ҳаром медоред ки Худованд онҳоро ҷуз макрӯҳ қарор надодааст, пас аз ҳар чизе бихуред магар чизе ки китоби Худованд ҳаром кардааст! Сипас (ин ояро) тиловат фармуд: <Бигӯ дар ҷизе ки ба ман ваҳй шудааст чизе ки бар хурандаи он ҳаром бошад намебинам магар инки мурдоре ё хунӣ рехта шуда ё гӯшти хуке бошад ки наҷас аст ё фисқе бошад ки номи ғайри Худованд бар он бурда шудааст>>>!

Оре, гӯшти бархӣ ҳайвоноти ҳалолгӯшт монанди гӯсфанд, гов, шутур ва моҳиҳои фалсдор, аз гӯшти бархӣ ҳайвоноти ҳалолгӯшти дигар монанди харчанг, крокодил, ҳаштпо ва кӯса матбуътар ва муносибтар аст ва бо ин васф, ихтиёри онҳо дар сурати имкон сазовортар аст; Чунонки яке аз ёронамон моро хабар дод, гуфт:

«سَأَلْتُهُ عَنِ ٱلْأَرْنَبِ وَ ٱلسَّنْجابِ وَ ٱلسُّلَحْفاةِ وَ ٱلْحَيْوانِ ٱلَّذِي لَمْ يُحَرِّمْهُ ٱللّٰهُ فِي ٱلْقُرآنِ، فَقالَ: كُلٌّ مِنَ ٱلطَّيِّباتِ فَٱخْتارُوا ٱلْأَطْيَبَ مِنْها فَٱلْأَطْيَبَ»; <<Аз он ҳазрат дар бораи харгӯш ва санҷоб ва локпушт ва ҳайвоноти дигар пурсидам ки Худованд дар Қуръон ҳаром накардааст, пас фармуд: Ҳамаи онҳо покизаанд, пас аз миёни онҳо ҳар чи покизатар астро ихтиёр кунед>>!

Албатта бадеҳӣ аст ки хӯрдани гӯшти ҳайвоноте монанди харгӯш, крокодил, ҳатпо ва кӯса, воҷиб нест то сабаби эътирози касоне шавад ки аз он кароҳат доранд, бал сирфан ҳаром шумурда намешавад ва бо ин васф, ҳар кас аз он кароҳат дорад метавонад аз он иҷтиноб кунад, беонки онро ҳаром шуморад; Зеро ҳаром шумурдани чизе ки ҳалол аст ҷойиз нест ва ҳалолу ҳароми Худованд аз салиқа ва зоъиқаи мардум пайравӣ намекунад; Чунонки фармудааст: ﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لَا تُحَرِّمُوا طَيِّبَاتِ مَا أَحَلَّ اللَّهُ لَكُمْ﴾ (Моъида/ 87); << Эй касоне ки имон овардед! Чизҳои поке ки Худованд бароятон ҳалол кардаастро ҳаром нашуморед>> Ва фармудааст: ﴿وَعَسَىٰ أَنْ تَكْرَهُوا شَيْئًا وَهُوَ خَيْرٌ لَكُمْ ۖ وَعَسَىٰ أَنْ تُحِبُّوا شَيْئًا وَهُوَ شَرٌّ لَكُمْ ۗ وَاللَّهُ يَعْلَمُ وَأَنْتُمْ لَا تَعْلَمُونَ﴾ (Бақара/ 216); <<Ва шояд аз чизе кароҳат дошта бошед ки он хайре барои шумост ва шояд чизеро дӯст дошта бошед ки он шарре барои шумост ва Худованд медонад ва шумо намедонед>>!

Аҳкоми хӯрданиҳо ва ошомиданиҳо

Таълиқи шумора: 1 **Тарихи таълиқ: 07/03/2016**
Нависандаи таълиқ: Ризо Розӣ

Оё хӯрдани обзиён фақат ба шарти доштани фалс ҳалол аст? Нақши фалсро дар ҳилияти гӯшти обзиён ва шарти гӯшт хор набаданро тавзеҳ диҳед? Крокодил гӯшт хор аст пас чаро гӯшташ ҳалол аст? Дар хусуси парандагон ҳам тавзиҳ диҳед. Оё уқоб ва калоғ ки гӯштхор ва ошғолхур ҳастанд ҳам ҳалоланд? Милок чист?

Посух ба таълиқи: 1 **Тарихи посух ба таълиқ: 10/03/2016**

Чунонки дар посухи фавқ тавзиҳ дода шуд, асл аввалӣ ибоҳаи ҳар чизе аст то он гоҳ ки далилӣ қатъӣ аз шаръ бар ҳурмати он бирасад ва ин сухани Худованди аззавақал аст ки фармудааст: ﴿وَأُحِلَّتْ لَكُمُ الْأَنْعَامُ إِلَّا مَا يُتْلَىٰ عَلَيْكُمْ﴾ (Ҳаҷ/ 30); <<Ва ҳамаи чаҳорпоён барои шумо ҳалол аст магар чизе ки бар шумо хонда мешавад>> Ва бо ин васф, ҳар ҳайвоне ки далилӣ қатъӣ аз шаръ бар ҳурмати он нарасидааст ҳалол шумурда мешавад, агарчи аз обзиёни бидуни фалс ё ҳайвоноти гӯштхор бошад; Чароки милоки ҳурмат, наҳйи шаръи аст, на фиқдони фалс ё гӯштхор будан; Бо таваққуҳ ба инки ҳеҷ мулозимаи ақлӣ миёни фалс надоштан ва ҳурмат ё гӯштхор будан ва ҳурмат вуҷуд надорад; Ҳамчунонки наметавон ба муҷарради кароҳат аз чизе онро ҳаром шумурд; Чунонки яке аз ёронамон моро хабар дод, гуфт:

«دَخَلَ ٱلْمَنْصُورُ سُوقاً وَ أَنا مَعَهُ فَمَرَّ عَلىٰ دُكّانٍ فِيهِ ٱلْحِيتانُ فَرَأىٰ فِيهِ ٱلسِّلَّوْرَ وَ ٱلْمارْماهِيَ، فَأَعْرَضَ عَنْهُ وَ قالَ: أُفٍّ! أُفٍّ! قُلْتُ: أَ حَرامٌ هٰذا؟ قالَ: لا، إِنَّمَا ٱلْحَرامُ ما حَرَّمَ ٱللّٰهُ فِي كِتابِهِ وَ لٰكِنَّهُمْ كانُوا يَعافُونَ ٱلشَّيْءَ فَنَحْنُ نَعافُهُ»; <<Ҳазрати Мансур дар ҳоле ки ман ҳамроҳаш будам ба бозоре дохил шуд, пас бар дӯкконе гузашт ки дар он моҳиҳо буд, пас дар он гурбамоҳӣ ва мормоҳӣ дид, пас рӯйи худро баргардонд ва фармуд: Уф! Уф! Гуфтам: Оё инҳо ҳаром аст? Фармуд: На, ҳаром чизе аст ки Худованд дар китобаш ҳаром кардааст, вале онҳо (яъне салафи солеҳ) аз чизе кароҳат доштанд, пас мо низ кароҳат дорем>>!

Аҳкоми хӯрданиҳо ва ошомиданиҳо

Бинобарин, хӯрдани обзиёни бидуни фалс ва ҳайвоноти гӯштхор, ҳаром нест, балки макрӯҳ аст, вале парҳезкорон илова бар корҳои ҳаром, аз корҳои макрӯҳ низ иҷтиноб мекунанд ва оқилон ғазоҳои покизатарро бар ғазоҳои покиза тарҷеҳ медиҳанд; Чунонки Худованд аз Мӯсо алайҳи салом нақл карда ва фармудааст: ﴿قَالَ أَتَسْتَبْدِلُونَ الَّذِي هُوَ أَدْنَى بِالَّذِي هُوَ خَيْرٌ﴾ (Бақара/ 61); <<Гуфт: Оё ғазое ки пасттар астро бо ғазое ки беҳтар аст ҷойгузин мекунед?!>> Ва гӯште ки ҳазрати Мансур фармуд: «فَٱخْتارُوا ٱلْأَطْيَبَ مِنْها فَٱلْأَطْيَبَ»; <<Пас аз миёни онҳо ҳар чи покизатар астро ихтиёр кунед>>!

Таълиқи шумора: 2 **Тарихи таълиқ: 22/12/2018**
Нависандаи таълиқ: Фарҳоди Гулистон

Дар гуфтори 70, ҳазрати аллома муҳаррамоти маъкулотро мутобиқ бо ояи 145 Анъом шарҳ додаанд. Медонем ки нақосоти дигаре ҳам ҳаст ки хӯрданашон ҳаром аст. Чаро дар ин оя (ҳатто алорағми вуҷуди қайди <<Илло>>) ба онҳо ишора нашудааст? Иллати он ҳар чи ки бошад, оё имкон надорад ки маҳрумияти дигаре (мисли гӯшти гурба ё харгӯш) ҳам бошад ки дар ин оя ба онҳо ишора нашуда бошад?

Посух ба таълиқи: 2 **Тарихи посух ба таълиқ: 24/12/2018**

Ояи 145 сураи Анъом, чунонки аз иборати ﴿طَاعِمٍ يَطْعَمُهُ﴾; <<Хурандае ки онро мехурад>> дониста мешавад, дар мақоми баён <<Хӯрданиҳои ҳаром>> аст ва аз ин рӯ, мутаъарризи бувл, ғоъит ва манӣ нашудааст; Чароки он се хӯрданӣ маҳсуб намешаванд; Ҳамон тавр ки нақосати дигаре монанди бут ва олоти қимор хӯрданӣ нестанд. Бо ин ҳол, агар касе бихоҳад онҳоро бихурад бояд бидонад ки хӯрдани нақосот ҷойиз нест; Ба далили ояи 157 сураи Аъроф ки мефармояд: ﴿وَيُحِلُّ لَهُمُ الطَّيِّبَاتِ وَيُحَرِّمُ عَلَيْهِمُ الْخَبَائِثَ﴾; <<Ва чизҳои покро барояшон ҳалол ва чизҳои нопокро бар онон ҳаром мекунад>>; Бо таваҷҷуҳ ба инки <<Чизҳои нопок>> шомили нақосот ғайри хӯрданӣ ҳам мешавад. Бинобарин, ояи 145 сураи Анъом, <<Хӯрданиҳои ҳаром>> ро эҳсо карда ва ояи 157 сураи Аъроф, хӯрдани ҳар нопокиро ҳаром донистааст, агарчи табиъатан хӯрданӣ набошад ва чизҳои нопок дар китоби Худованд, даҳ

чизанд: Бувл, ғоъит, манӣ, хун, гӯшти хук, мурдор, бут, хамр, олоти қимор ва мушрик (бингаред ба: Пурсиш ва посухи 316) ва рӯшан аст ки ривоёт қодир ба таъмими китоби Худованд нестанд (бингаред ба: Бозгашт ба Ислом, с240).

Дафтари ҳифз ва нашри осори
Мансури Ҳошимии Хуросонӣ
Бахши посухгӯй ба пурсишҳо



* Лутфан бар рӯй линки мавриди назари ҳуд клик кунед.
Линки матлаби бало
Саҳифаи фесбуки пойгоҳ
Саҳифаи гугелплюси пойгоҳ
Саҳифаи канали телегроми пойгоҳ